# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.09.2022, №9

Барои сазовор донистани Усмониён Нозила Усмон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон дар мавзуи «Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 30 июни соли 2022, суратмаҷлиси №6 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Усмониён Нозила Усмон 26-уми июни соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2017 факултети забонҳои филиали Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширинхшоҳ Шоҳтемур (ҳоло Донишгоҳи давлатии Данғара)-ро хатм намудааст. Соли 2020 барномаи тайёркунии кадрҳои илмӣ-омӯзгориро дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Данғара хатм кардааст. Солҳои 2018-2020 ба ҳайси саромӯзгор ва солҳои 2020-2021 ва муовини мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият намуда, аз 1-уми сентябри соли ҷорӣ мудири кафедраи забони русии муассисаи мазкур таъин шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ –** доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич.

**Муқарризони расмӣ –** Салихов Шамсиддин Аслиддинович, доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович, номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷик, номзади илми филология, дотсент Шамсов Н.С. ва устодони кафедраи мазкур – номзадҳои илми филология, дотсентон Олимӣ Х.Ҳ. ва Боев Ш.Э. имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Ж.Б. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон дар мавзуи «Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқ собит менамоянд.

**Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Бекназарова, Н.У. Ватандорӣ ва ишқи Ватан – яке аз мавзуъҳои марказӣ дар эҷодиёти Меҳринисо (дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон) / Н.У. Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – №2. – С. 239-242.

[2-М]. Бекназарова, Н.У. Истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалҳои Меҳринисо – дар мисоли истиора / Н.У. Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – №6. – С. 262-268.

[3-М]. Бекназарова, Н.У. Нашри ашъори Меҳринисо дар матбуоти тоҷик / Н.У. Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ. – 2019. – №7. – С. 257-264.

[4-М]. Усмониён, Н.У. Ҷойгоҳи мавзуи ишқу муҳаббат дар ашъори Меҳринисо / Н.У. Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – №4. – С. 198-203.

[5-М]. Усмониён, Н.У. Нақши зан–модар дар ашъори Меҳринисо / Н.У. Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – №5. – С. 267-272.

[6-М]. Усмониён, Н.У. Мавқеи талмеҳ, навъҳо ва хусусиятҳои он дар ашъори Меҳринисо/ Н.У. Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе Матбааи ДМТ, 2021. – №1. – С. 256-261.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Додихудоев Раҷабалӣ** мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

1) Муаллиф дар бобати эҷодиёти Меҳринисо Бобобекова маълумоти хуб дода, оид ба маҷмуаҳои шоир низ таҳқиқоти мусбат ба анҷом расонидааст. Аммо, ба андешаи мо, дар мавриди бозкушоии паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти шоир як масъала аз мадди назари муаллиф каме дур мондааст. Хубтар мебуд, ки муаллиф дар хусуси анвои шеърӣ дар эҷодиёти Меҳринисо таваҷҷуҳи ҷиддитар намуда, боби алоҳида ё ақаллан, фаслеро бар ин мавзуъ мебахшид. Чунонки аз эҷодиёти шоир дида мешавад, жанрҳои суннатии амсоли ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти вай аз мақоми хос бархурдоранд ва шоистаи таваҷҷуҳи алоҳида низ мебошанд. Бинобар ин, агар аз ҷониби муаллиф дар боби алоҳида дар як фасл оид ба жанрҳои суннатӣ ва дар фасли дигар роҷеъ ба ашъори дар қолаби нав сурудаи Меҳринисо таваҷҷуҳ зоҳир мешуд, аҳаммияти илмии кораш бештар мешуд.

2) Дар кор фаъолияти эҷодии Меҳринисо басо муфассал баррасӣ гаштааст. Ин ҳам шоистаи арзёбӣ аст, ки ин мавзуъ дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз ҷониби як муҳаққиқи ҷавон аввалин икдом ба ҳисоб меравад. Аммо, ин мавзуъ вобаста ба он ки шоир дар ду даврон: овони шуравӣ ва замони Истиқлол фаъолият кардааст, ба баррасии нисбатан муфассалтар ниёз дорад. Бинобар ин, хубтар мебуд, дар қисмати марбут ба ҳаёту эҷодиёти Меҳринисо аз ҷониби муаллиф марҳалаҳои фаъолияти шоирии ҳарду давраи дар боло зикршуда ба таври алоҳида, яъне дар зерфаслҳои ҷудогона баррасӣ мегардид.

3) Дар баъзе бобҳову фаслҳои кор мисолҳои шеърӣ аз Меҳринисо бештар ба назар мерасанд, дар баъзе баръакс, камтар; яъне метавон гуфт, дар мавриди корбурди мисолҳои шоҳид муаллиф каме саҳлангорӣ карда, ҳадди меъёрро он қадар риоя накардааст. Бинобар ин, лозим аст, ки баробарии

истифодаи мисолҳои шеърӣ дар саропойи кор аз ҷониби муаллиф таҷдиди назар шавад.

**2. Тақризи** номзади илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ **Ашурова Нодира** низ мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

1) Ба андешаи мо, агар муаллиф дар кори худ як фасли алоҳидаро ба эҷодиёти мансур ё фаъолияти нависандагии Меҳринисо Бобобекова мебахшид, таҳқиқоти ӯ комилтар мегардид. Чунонки дида мешавад, дар эҷодиёти Меҳринисо наср низ ба назар мерасад. Агарчи мавқеи наср дар эҷодиёти шоира нисбат ба назм дар дараҷаи дуюм қарор дорад, аммо ӯ ба наср низ таваҷҷуҳи назаррас дорад. Чунончи китоби «Нақши зан дар раванди демократӣ», ки дар 104 саҳифа дар мавзуи иҷтимоӣ ба табъ расонида ва якчанд мақолаҳову мусоҳибаҳои вай, ки дар саҳифаҳои рӯзномаҳову маҷаллаҳо нашр шудаанд, шоҳиди ин гуфтаҳо мебошанд.

2) Боби охири кор агар ба ду фасли алоҳида тақсим мешуд, кифоя буд. Ба андешаи мо, шарт набуд, ки муаллиф барои ҳар санъати бадеие, ки дар ашъори Меҳринисо истифода гардидаанд, як фасли алоҳидаро ҷудо намояд. Бинобар ин, агар дар фасли якум санъатҳои аввалдараҷа ё марказӣ ва дар фасли дуюм санъатҳое, ки дар эҷодиёти Меҳринисо мақоми дуюмдараҷа доранд, мавриди таҳқиқ қарор мегирифтанд, беҳтар буд.

**3. Дар тақризи** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур **Дӯстов К.** дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти илмии таҳқиқ зикр шуда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

1) Дар таҳқиқоти муаллиф бояд оид ба жанрҳои асосие, ки Меҳринисо бар онҳо дар қиёс бо дигар жанрҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст, маълумоти муфассалтар дода мешуд. Бо нигоҳе ба маҷмуаҳои шоир аён мегардад, ки ӯ ба якчанд жанр таваҷҷуҳи хосса дошта, андешаҳои зебои худро бештар тавассути онҳо баён намудааст. Дар ин маврид, махсусан, жанрҳои суннатиро метавон ном гирифт, ки дар эҷодиёти Меҳринисо мавқеи назаррас доранд.

2) Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд. Масалан: маҷмӯа (с. 8), шоира (7). Бар асоси охирин тағйироте, ки дар имлои забони тоҷикӣ ба амал омадааст, дар калимаҳои арабӣ гузоштани «ӯ» ғалат ҳисобида мешавад. Вожаи «шоир» низ дар забони арабӣ ҷинси муаннас, яъне занонаи худро надорад.

Муқарризон дар баробари муайян кардан ва нишон додани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Меҳринисо Бобобекова баррасӣ гардида, хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ **коркард шудаанд**;
- муҳимтарин мавзуъҳои ашъори Меҳринисо **таҳқиқу баррасӣ гардидаанд**;
- мавқеъ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ, аз ҷумла ташбеҳ, истиора, талмеҳ, ташхис, таҷнис, киноя ва маҷоз дар ашъори шоир **муайян гардидаанд;**
- меросбарӣ ва навпардозиҳои Меҳринисо дар мисоли ашъори суннатӣ ва озод **исбот шудаанд;**
- мухтассот ва дараҷаи корбурди шаклҳо ва анвои адабӣ дар фаъолияти эҷодии шоир **коркард ва муайян карда шудаанд**;
- забон ва хусусиятҳои сабкии ашъори Меҳринисо **баррасӣ ва таҳқиқ шудааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** матолиби диссертатсия барои таҳқиқи густардаи рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Меҳринисо имкон фароҳам меоваранд. Нуктаҳои назариеро, ки хулосаҳои пажӯҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавон дар таҳқиқи дигар ҷанбаҳои эҷодиёти Меҳринисо мавриди истифода қарор дод. Илова бар ин, таҳқиқи эҷодиёти Меҳринисо ва баррасии хусусиятҳои ғоявию мавзуӣ, бадеию эстетикӣ ва сабкии ашъори ӯ дар муайян кардани раванди ташаккулу рушди шеъри муосири тоҷик, махсусан шеъри даврони Истиқлол бетаъсир нахоҳад буд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ осори илмию назарии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, монанди устод С. Айнӣ, А. Мирзоев, Ю. Бобоев, Т. Зеҳнӣ, Н. Маъсумӣ, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, Б. Сирус, Р. Мусулмониён, М. Шакурӣ, Х. Асозода, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, А. Абдуманнонов, Ю. Акбарзода, А. Сатторзода, А. Насриддинов, А. Ҳакимов, А. Давронов, Р. Ваҳҳобов, М. Аҷамӣ, И.С. Брагинский, М. Рейснер, М. Баҳор, Ш. Кадканӣ, С. Шамисо, М. Иқболӣ, М. Ибодиён, А. Абдулҳодӣ ва ва дигарон дар ҳалли бисёр масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои анъанавии муқоисавию таърихӣ, оморӣ ва таҳлили сохторӣ **истифода шудааст.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро ҳамчун маводи омӯзишӣ ҳангоми таълифи китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ метавон

истифода кард. Дар баробари ин, диссертатсия дар таълими фанҳои таърихи адабиёти муосири тоҷик ва замони Истиқлол, равобити адабӣ, назарияи адабиёт, курс ва семинарҳои тахассусӣ, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ба устодону донишҷӯён ва магистрантону аспирантони факултетҳои филологӣ ёрӣ расонда метавонад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоди интишороти муаллиф оид ба мавзуъ ва интихоби усули таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** ҷамъоварии маводи зарурӣ, дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва ба таври мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назарияҳои шеършиносии олимони ватанию хориҷӣ, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори Меҳринисо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва масъалагузориҳо барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ фаъолона иштирок намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2022 оид ба сазовор донистани Усмониён Нозила Усмон ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд,

Дар овоздиҳӣ 13 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.
15.09.2022